**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Исмоилова Мубораки Кенжаевна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 - Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия)**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Исмоилова Мубораки Кенжаевна ба таҳқиқи масъалаи муҳими соҳаи маориф бахшида шуда, дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба таълими илмҳои соҳаи табиатшиносӣ ва дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақши муайян хоҳад гузошт.

**Навоварии тадқиқот ва аҳамияти илмию амалии он.** Дар шароити муосир вобаста ба таҳкими сатҳ ва сифати таҳсилот ҳамчун соҳаи афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани пажӯҳиши илмӣ, хусусан, доир ба таҳким ва такмили метологияи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён арзиши баланди илмӣ дорад. Раванди имрӯзаи рушди технологияҳои инноватсионӣ водор месозанд, ки мактабу маориф ба усулҳои муосири таълими фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд. Бинобар ин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши адабиёти илмии муосир ва гузаронидани таҳқиқотҳои амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар кори шоиста ва арзишмандеро анҷом додааст, ки аз навгониҳои зерин иборат аст:

- амсилаи илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди гузаронидани машғулияти амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ аз фанни химия аввалин маротиба мавриди коркарду омӯзйш қарор дода шудааст;

- сохтори таҳқиқи педагогӣ, дидактикӣ ва методии таҳқиқот доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар зерматни (контексти) берунии раванди таълим, ҳадаф, мундариҷа ва нақши методҳои таълим, роҳу усулҳои ҷанбаҳои ташкилии таълим дар ҷараёни омӯзиши химия муайян карда шуд;

- эҳтимолияти дарёфт ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогию дидактикӣ ва методӣ барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар зерматни (контексти) илмӣ-таҳқиқотӣ (тақвият бахшидани роҳу усулҳои гузаронидани машғулияти амалӣ, таҷрибавӣ ва озмоишӣ аз фанни химия) муайян карда шудааст;

- дар рафти машғулияти амалӣ, озмоишӣ-таҷрибавӣ ва химиявии донишҷӯёни таълимгоҳҳои олии омӯзгорӣ ҳадаф, мазмун, вазифаҳо, саволнома-анкетаҳо, корҳои хаттии санҷишӣ, ки дар шакли озмоишҳои педагогӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, мушаххас карда шудааст;

- нақш ва мақоми методҳои мухталифи таълим ва дигар шаклҳои ташкили раванди таълим барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва корҳои мустақилонаю эҷодии донишҷӯён, дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои химия нишон дода шудааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот, қабл аз ҳама, бо методҳои илмии истифодагардида асоснок карда мешаванд. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва назарияҳои асосии илмию педагогии олимону донишмандони ватанию хориҷӣ доир ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи назария, дониш, асосҳои педагогӣ, дидактикӣ, психологӣ, умумихимиявии соҳаи методикаи таълими химия ва, инчунин, санадҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи маориф мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун саҳми шахсии муаллиф, чуноне ки дар қисмати муқаддимаи кор оварда шудааст, дар пешниҳоди роҳу василаҳои судманду муфиди таъсир расондан ба тафаккури донишҷӯ, шавқовару самаранок гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанни химия,

инчунин, тавсияҳои арзишманд доир ба беҳтар гардидани раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, ки дар қисмати хулоса ва тавсияҳо оварда шудаанд, ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Илова бар ин, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дастурҳо ва васоити таълимӣ, инчунин, мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардидаанд, асоснок мегардад.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, ду боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати ададбиёт иборат аст.

Дар муқаддима зарурати мавзуи интихобшуда асоснок карда шуда, мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқаррар гардида, навигариҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида асоснок карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия ба таҳқиқи масъалаи «**Асосҳои назариявӣ ва методологии тайёр намудани донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия**» бахшида шуда, се зербобро дар бар мегирад. Дар боби мазкур масъалаҳои асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули шавқу завқи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар дарсҳои химия, нақш ва мақоми машғулияти озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён, роҳу усулҳои гузаронидани машғулияти озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия – асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ ва нерӯи зеҳнии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Дар зербоби якум** диссертант масъалаи “Асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули шавқу завқи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар дарсҳои химия”-ро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, доир ба муҳимияти

пешаи омӯзгорӣ, нақши фанҳои табиатшиносӣ, хусусан, фанни химия дар ташаккули тафаккури илмии донишҷӯён изҳори андеша намудааст.

Муаллиф бамаврид таъкид менамояд, ки истифодаи методи илмӣ-маърифатии таҳқиқотӣ аз нигоҳи педагогӣ барои шиносоӣ бо принсипҳои таълим, аз ҷумла системанокӣ ва пайдарпайии таълим, айёниятнокии таълим, принсипи алоқамандии назария бо амалия, методҳои мушоҳидаю озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот, ба дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, нақш ва мақоми машғулияти назариявӣ, амалӣ ва озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ, дар ташаккули фаъолияти зеҳнию ахлоқӣ, хотира ва тафаккури донишҷӯён басо муҳим мебошад (с. 19).

**Зербоби дуюм** ба таҳқиқи масъалаи «Нақш ва мақоми машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён» бахшида шудааст. Диссертант дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмии соҳавӣ доир ба роҳу усулҳои гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия хулосагирӣ менамояд, ки дар вақти маънидод кардани далелҳо олимон фарзия пешниҳод менамоянд, ки тавассути эксперимент санҷида мешавад. Муаллиф бамаврид ёдовар мешавад, ки агар фарзия бо маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шавад, ба назария табдил меёбад ва дар ҳақиқат дар таърихи илм чунин ҳодисаҳо кам нестанд. (с.58)

**Зербоби сеюми боби мазкур** ба таҳлили масъалаи "Роҳу усулҳои гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия-асоси ташаккули фаъолияту нерӯи зеҳнии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" нигаронида шуда, дар он диссертант тибқи талаботу нишондодҳои педагогию дидактикӣ гузаронидани таҷрибаҳои химиявиро аз қабили тайёрӣ ба ҷанбаҳои намоишии таҷриба, намудҳои эксперименти химиявӣ аз нигоҳи дидактикӣ, методҳо ва роҳу усулҳои ташкили таҷриба, тайёр кардани таҷрибаи лабораторӣ ва тайёр кардани машғулияти амалӣ нишон додааст. Диссертант дуруст таъкид менамояд,

таъкид менамояд, ки таҷриба ё худ маҷмуи корҳои амалӣ маҷмуи корҳои озмоишӣ буда, пас аз омӯзиши қисми асосии курси химия донишҷӯён онро мустақилона иҷро менамоянд. Корҳои амалӣ донишҷӯёнро бо усулҳои химияи ҳозира шинос менамоянд. Омӯзгор вобаста ба шароити лабораторӣ маҷмуи корҳои амалиро тағйир дода метавонад. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ донишҷӯён баробари мавзуи гузашта баъзе донишҳои нави ба техникаи таҷрибагузаронӣ ва мазмуни корҳои алоқамандро низ фаро мегирад. (с.81)

**Боби дувуми диссертатсия** «Машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия–асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён» ном дошта, дар масъалаҳои нақши усулҳои таълим дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия, истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибавӣ дар дарсҳои химия таҳлилу баррасӣ ва натиҷаи ниҳоии корҳои таҳқиқотӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дода шудаанд.

Дар **зербоби аввали боби дуюм** «Нақши усулҳои таълим дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки омӯзиши фанни химия яке аз ҷанбаҳои бо донишҳои назариявӣ ва амалӣ мусаллаҳ гардидани донишҷӯён маҳсуб меёбад. Дар ҷараёни машғулияти амалӣ ва семинарӣ донишҷӯён барномаи таълим ва китоби дарсиро аз нигоҳи таҳлилӣ омӯхта, тавассути тартиб додани нақшаҳои тақвимӣ, нақшаи яксоатаи дарсиро тартиб дода, бо истифода аз маводи дидактикӣ, донишу малакаҳои аввалини омӯзгории худро такмилу ташаккул медиҳанд.

Унвонҷӯй қайд менамояд, ки дар раванди омӯзиши фанни химия донишҷӯён бо хондани мавзуъҳои барномавӣ, маърузавӣ маҳдуд нашуда, бояд малакаҳои намоишдиҳии таҷрибаҳои химиявӣ, метод ва роҳу усулҳои омӯзиши мавзуъҳои корҳои мустақилона, ҳалли масъалаҳои химиявиро тибқи талаботи барномаи таълимӣ аз худ намуда, банақшадарории маводи таълим ва мустақилона гузаштани машғулияти амалию озмоиширо аз худ намоянд. (с.92)

Диссертант дар з**ербоби дуюми боби** мазкур ба таҳлили масъалаи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибавӣ дар дарсҳои химия» таваҷҷуҳ намуда, зарурати онро дар марҳилаи кунунӣ дарк намуда, истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсиониро ҳамчун маводи ёрирасон ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои нав аз фанни химия барои омӯзгорон хеле муҳим арзёбӣ намудааст. Зеро ки тавассути онҳо таълимгирандагонро бо мавҷудоти зиндаи табиат тариқи тахтаҳои электронӣ бо барномаҳои таълимӣ, слайдҳо, презентатсияҳои сохта, бо таври дақиқу саҳеҳ шиносонидан мумкин аст.

Ба масъулияти омӯзгорон дар ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, муаллиф таъкид менамояд, ки дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти илму техникаи навин, омӯзгорон бояд дониш ва маҳорату малакаи донишҷӯёнро бо ҷанбаҳои азхудкунии тафаккури техникӣ, комёбиҳои технологияи муосир, яъне технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими химия ташаккул диҳанд.

Аз ҳама ҳадафи асосӣ, ба андешаи муаллиф ин аст, ки дар самти азхудкунии техника ва технология қобилият ва лаёқати таълимгирандагонро ташаккул дода, раванди таълим бо истифода аз техника ва технологияи навин ба роҳ монда шавад. (с.108)

**Дар зербоби сеюми боби дуюм** – «Натиҷаи ниҳоии корҳои таҳқиқотӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои

химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» – диссертант таваҷҷуҳи асосиро, қабл аз ҳама, ба гузаронидани озмоиш ё эксперименти педагогӣ (буришҳои педагогӣ) бо тариқи саволнома-анкетаҳо (тестҳо), банду қисматҳои сикли фанҳои химия корҳои хаттӣ-санҷишӣ, пурсишҳо ё саволномаҳо ба таври шифоҳӣ равона сохтааст. Пурсишҳо тибқи саволномаҳо барои курсҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм (намунаашон дар сдиссертатсия оварда шудаанд) дар донишгоҳҳои олии касбии омӯзгорӣ баргузор шуда, натиҷаҳои он дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо пешниҳод шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби муҳаққиқ зимни гузаронидани машғулияти берунаазудиторӣ, дар раванди машғулияти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ва ҷалби онҳо ба корҳои мустақилона диққати ҷиддӣ дода шудааст. Масалан, ӯ методикаи гузаронидани баъзе аз машғулияти таҷрибавӣ-озмоиширо бо мақсади ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён оид ба тавсифи хосияти химиявию физикавии намакҳо, кислотаҳо, ишқорҳо, металлҳо, ғайриметаллҳо, намудҳои реаксияҳои химиявӣ, диссотсиатсияи электролитӣ, гидролиз ва ғайраро истифода намудааст, ки амали мазкур ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба корҳои мустақилона ва ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо муфиду самаранок хоҳад буд. (с. 127)

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия ифода ёфта, аз ҷониби муаллиф доир ба амалӣ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки зимни таҳқиқот пешбинӣ гардида буданд, хулосаю тавсияҳои муфид ва арзишманд пешниҳод шудаанд. (с. 161-165)

Дар рӯйхати адабиёт тамоми сарчашма ва маводи истифодашуда тибқи муқаррарот гурӯҳбандӣ шуда, номгӯйи пурраи онҳо оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳо ва натичагириҳои арзишманде, ки диссертант муваффақ шудааст, дар диссертатсия баъзе камудию норасоиҳо низ ҷойдоранд.

1. Дар диссертатсия муаллиф аз манбаъҳои фаровони илмӣ истифода бурдааст, ки ин, албатта, барои мукаммал гардидани кори таҳқиқотӣ мусоидат намудааст. Вале дар иқтибосҳо аксари муаллифонро олимони русзабон ташкил медиҳад ва истифодаи асарҳои олимони ватанӣ нисбатан кам ба назар мерасад.

2. Таносуби ҳаҷми зербобҳо, аз нигоҳи мо, чандон риоя нагардидааст. Масалан, як зербоб 16 саҳифа, зербоби дигар 39 саҳифаро ташкил медиҳад. Ба фикри мо чунин таносуб бояд то андозае риоя шавад.

3. Дар қисмати мубрамияти мавзуъ хуб мешуд, ки муаллиф ба зарурати омӯзиши фанни химия ва усулҳои таълими он чун ҷузъи муҳими сиёсати давлатӣ дар бораи самтҳои афзалиятнок эълон намудани омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзию дақиқ дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард.

4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ва услубӣ ҷой доранд, ки ислоҳ намудани онҳоба манфиати кор хоҳад буд. Бояд зикр намуд, ки эродҳои зикргардида ба арзиши илмии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсия дар сатҳи хуби илмию методологӣ ва забонӣ омода шуда, бо сабки равону суфта таълиф гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраршуда.**

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Диссертатсия аз рӯйи мазмуну муҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат

мекунад. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ нашр гардидаанд, мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Исмоилова Мубораккби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён аз фанни химия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, тахсилоти касбӣ (химия) пешниҳод гардидааст, кори илмии мустақилона баанҷомрасида маҳсуб шуда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур сазовор дониста мешавад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмхои педагогӣ,
профессор, профессори кафедраи
методикаи фанҳои табиатшиносии
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав”: Холназаров С.

Имзои Холназаров С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрхо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Н.Хусрав Ҷ. А.Шукурзод